# НАМУНАИ

**саволу масъалаҳои тест
аз фанни забон ва адабиёти тоҷик
барои олимпиадаи фаннии
хонандагони муассисаҳои
таҳсилоти миёнаи умумӣ**

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Дар калимаҳои кадом мисолҳои додашуда ҳангоми талаффуз ҳодисаи фонетикии ҷойивазкунии овоз мушоҳида мешавад?**

**A)** Бад-ин ошкорат бубин ошкор,
Ниҳони-тро бар ниҳонӣ гумор. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**B)** Бад-ӯ боз доданд фарзанди ӯй,
Ба хубӣ биҷустанд пайванди ӯй. Абулқосими Фирдавсӣ

**C)** Азбаски ҳукамои даргоҳу мунаҷҷимони шоҳ ғулув карданд, истихбори ин мушкилоту истисфори ин муъзилот зарурат шуд. Аз “Бахтиёрнома”

**D)** Ман духтари Комкори вазираму зулме, ки аз вай рафт, ба самъи шоҳ расида бошад ва акнун ба никоҳи Додбинаму таҳаввуре, ки дар табъи ӯст, Хусрав шунида бошад. Аз “Бахтиёрнома”

**2** **Дар байти зерин калимаҳои ҳамгуни *<u>доғ</u>* чӣ маъно доранд?**

***Аз хароши сина дастам то ба соид суда шуд,***
***<u>Доғи</u> дасти худ наям, <u>доғам</u> ки <u>доғ</u> аз даст рафт.*** Абдулқодири Бедил

**A)** Ҳар се доғ ба маънои нишонаи ҷароҳат ва реш дар бадан

**B)** Доғи аввал – нишона, доғҳои дигар ба маънои айби аз одам норафтанӣ

**C)** Ду доғи аввал ба маънои ҳасратхӯрӣ, доғи сеюм ҷойи тамға

**D)** Доғи аввал – тамға, дуи дигар ба маънои ҳасрат хӯрдан аз чизе

**3** **Дар кадом ҷумла ибораи рехта маънои *касеро ҳимоятгари худ намудан*ро дорад?**

**A)** Аввал шумо биёеду ин тараф, он тарафи корро фаҳмида гиред... Р. Ҷалил

**B)** Модоме ки худатон ба тарафи мо гузаштед, хоҳишатон ба ҳисоб гирифта мешавад. Ғ. Абдулло

**C)** Бо ҳамин роҳ мехост, ки ҳамаро ба тарафи худ гардонда гирад. С. Айнӣ

**D)** Қурбонамак аз сад тараф даромад карда, ба писараш нишон доданӣ мешуд. Аз “Рӯзнома”

**4** **Услуби матни зеринро муайян намоед:**

***Дар таҳқиқи масоили гуногуни таъриху тамаддун ёдгориҳои хаттӣ нақши асосиро мебозанд. Осори хаттӣ ҳовии ахбори фаровоне роҷеъ ба авзои сиёсиву иқтисодӣ, муҳити фарҳангӣ ва табақоти иҷтимоӣ мебошад. Омӯзиши ёдгориҳои хаттӣ дар қиёс бо дигар сарчашмаҳои муътабар ва дастовардҳои бостоншиносӣ ё пажуҳишҳои мухталиф имкон медиҳад, ки саҳифаҳои бештари таърихи мо равшан гардад.*** С. Муллоҷон

**A)** бадеӣ

**B)** расмӣ

**C)** илмӣ

**D)** Рӯзноманигорӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**5** **Ба ҷойи сенуқта феъли бо сиғаи эҳтимолӣ ифодаёфтаро гузоред:**

***Ин садои гунбур-гунбури бисёр бадҳайбат Ёдгорро аз хобаш ...*** С. Айнӣ

**A)** бедор кард
**B)** бедор мекард
**C)** бедор кардагист
**D)** бедор карда буд

**6** **Кадом сухан дар бораи “Дарахти Асуриг” дуруст аст?**

**A)** Барои огоҳӣ аз вазъи табиатшиносӣ дар замонҳои қадим омӯхтани он муҳим аст.
**B)** Барои омӯхтани бархе ҷанбаҳои асосии забони авестоӣ бояд ин китобро омӯзем.
**C)** Аз омӯзиши ин асар бармеояд, ки забони имрӯзи мо идомаи забони паҳлавӣ аст.
**D)** Дар ин асар таърихи подшоҳии нахустин шоҳи сосонӣ Ардашери I нигошта шудааст.

**7** **Аҳаммияти илмии боби ҳафтуми “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ.**

**A)** Ин боб дар бораи таърихи пайдоиши илмҳои гуногун баҳс мекунад.
**B)** Ин боб дар бораи ҳандаса ва ситорашиносӣ иттилооти фаровон дорад.
**C)** Ин боб тазкирагуна аст ва дар бораи шоирони гузашта маълумот медиҳад.
**D)** Ин боб тарҷумаиҳолист ва дар бораи зиндагии муаллиф маълумот медиҳад.

**8** **Мувофиқи мазмуни достон сабаби ғаму андӯҳи омӯзгор чӣ буд?**

***Аз ин тахта ба он тахта муаллима гузар мекард,***
***Ба як соат зи худ мерафт,***
***Оламро сафар мекард,***
***Миёни тахтаҳову баччаҳо озод меболид,***
***Зи рӯйи лутф механдид,***
***Даруни сина менолид***. “Китобҳои захмин”-и Муъмин Қаноат

**A)** Барои надоштани фарзанд ғамгин буд.
**B)** Шавҳарашро ба ҷанг фиристода буданд.
**C)** Шавҳараш бесабаб ӯро тарк карда буд.
**D)** Хонандаҳо ба дарси ӯ гӯш намедоданд.

**9** **Таҳлили морфологӣ. Калимаҳои ҷумлаи зерин кадом ҳиссаи нутқанд?**

***Мӯйсафед ба қуллаҳои осмонхарош, ки сари сахраву теғаҳояшон ҷо-ҷо ҳанӯз барфи нуқрафом дошт, дида медӯзад.*** К. Мирзоев

**A)** ҷо-ҷо
**B)** сахра
**C)** осмонхарош
**D)** медурахшид

**1)** ҳиссача
**2)** сифат
**3)** феъл
**4)** зарф
**5)** исм

**10** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзои ҷумларо муайян намоед:**

***Меҳроб дар паси парда духтари ҳурлиқое дорад.*** Аз “Достонҳои Шоҳнома”

**A)** дорад
**B)** духтар
**C)** ҳурлиқо
**D)** дар паси парда

**1)** ____________
**2)** ════════════
**3)** ∿∿∿∿∿∿∿∿∿∿∿∿
**4)** _ _ _ _ _ _ _ _ _ _
**5)** ..........................

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**11** **Аз рӯйи мазмуни байтҳо муайян кунед, ки дар чӣ хусус гуфта шудаанд:**

**A)** Машав чун хасон сухраи ҳирсу оз,
Ба чизе, ки имрӯз дорӣ, бисоз.
Махур ғам, ки фардо чӣ пеш оядат,
Дари ризқ бар рӯ кӣ бикшоядат.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** То ба дӯкону хона дар гаравӣ,
Ҳаргиз, эй хом, одамӣ нашавӣ.
Бирав, андар ҷаҳон тафарруҷ кун,
Пеш аз он рӯз, к-аз ҷаҳон биравӣ.
Саъдии Шерозӣ

**C)** Ҳеч касе раҳ сӯйи боло наёфт,
То қадам аз ҳиммати воло наёфт.
Мартабае ҷӯ, ки барой ба мох,
Кас нахӯрад шарбати борон ба чоҳ.
Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**D)** Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.
Абуалӣ ибни Сино

**1)** дар ситоиши баландназарӣ ва ҷаҳду талош барои расидан ба ҳадаф

**2)** дар таъкиди абадӣ набудани умр ва тавсия ба иззату эҳтироми инсонҳо

**3)** дар ситоиши донишу огоҳӣ ва беохир будани дарёи илм

**4)** дар мазаммати зиёдахоҳӣ ва тамаъ

**5)** дар ситоиши сафар ва дидани дунё

**12** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом симои қиссаи "Ривояти суғдӣ"-и Сотим Улуғзода меравад:**

**A)** Ҳамин ки сиҳат-саломат ба ватан расидем, ман ба мукофоти фидокорие, ки дар муҳофизати корвон ва ҷони мою шумо аз ин диловар ба зуҳур омад ва ба шукронаи наҷот ёфтанамон аз қатлу ғорат, ...-и азизамро аз ғуломӣ озод мекунам.

**B)** Дар Ревдод ҷомашӯйзанаке буд. ... ном духтаре дошт, ки хона ба хона гашта, пӯшоки чиркин меғундошт ва баъди шустан онро ба соҳибашон оварда медод.

**C)** - Зиндагонии подшоҳи бузург дароз бод, ман хуни ӯро харидам!

Гӯянда бозаргони машҳури бухорой ... буд, ки бо кори бозаргонии худ ба Самарқанд омада буд.

**D)** Худи ... бе он ки аввал ба парастишгоҳ биравад у аз пешвоёни мазҳаб дуо бигирад, ба ҳеҷ кори муҳим ибтидо намекард, марди солеҳ ва тақводоре буд.

**1)** Ёдхишетак

**2)** Нуфарн

**3)** Наниманча

**4)** Виркан

**5)** Ревахшиён

РОЙГОН! дар сомонаи www.ntc.tj

**13** **Аз ҷумлаи зерин шакли феъли ҳолро муайян намоед:**

***Дӯкондорон ба ин хандаи бемаҳали мо <u>ҳайрон-ҳайрон</u> ва <u>тааҷҷубкунон</u> нигоҳ мекарданд.*** Садриддин Айнӣ

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**14** **Дар байти зерин пешоянди ишорашуда кадом тобиши маъноиро ифода намудааст?**

***Чу кишта шуд <u>аз баҳри</u> мо чанд чиз,***
***Зи баҳри касон мо бикорем низ.*** Низомии Ганҷавӣ

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**15** **Ибораҳоеро, ки бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ таркиб ёфтаанд, ҷудо намуда дар поён нависед:**

***Одами бисёр, китоб хондан, мақолаҳо оид ба забон, ҷавони баномус, пахта барин сафед, ин бача, ниҳоят равшан, яке аз талабагон, басо ҷасурона, ҳамчун кӯдак шармгинона...***

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҳар ҷавоби дуруст 0,5 хол дода мешавад.

**16** **Ҷумлаи додашуда ба кадом навъи ҷумлаҳои сода таааллуқ дорад?**

***Акнун то шом тоқат бояд кард.*** Ф. Муҳаммадиев

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Шумораи имконпазири бештари хол – 2. Ба ҷавоби нопурра 1 хол ва ба ҷавоби пурра 2 хол дода мешавад.

**17** **Навъи ҷумлаи пайравро муайян намоед:**

***Дар кӯчаи деҳа диданд, ки Фотима хоҳари Восеъ - зани Сангалӣ ошуфтаҳол бо панҷ – шаш нафар бача моҷаро карда истодааст.*** Сотим Улуғзода

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**18** **Жанри “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфии Бухороиро дар адабиёт чӣ меноманд?**

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**19** **Сухан дар бораи кадом асари Ҷалол Икромӣ аст?**

***Дар ин асар 130 персонаж офарида шудааст. Як қисми образҳо шахсони таърихианд ва баъзеашон бо номҳои худашон дар асар ширкат доранд.***

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**20** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Боз гирифтӣ зи сар қоидаи дилбарӣ,***
***То шавад аз ишқи ту ҷони ман аз дил барӣ.*** Низомии Ганҷавӣ

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## ЛУҒАТ

**Супориш:** маънои калимаҳои дар байт ва ҷумлаҳо ишорашударо нависед.

| № | Байт ва ҷумлаҳо | Маънои калимаи ишорашуда |
|---|---|---|
| 1 | Ду наргис ***дижам***, абрувон пур зи хам,<br>Сутуни ду абру чу симин қалам.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 2 | Ҳаловате, ки туро дар чаҳи занахдон аст,<br>Ба ***кунҳ***и ӯ нарасад сад ҳазор фикри амиқ.<br>Ҳофизи Шерозӣ | |
| 3 | Дар миёни ду кас ***маваддат***и азим буд.<br>Авфии Бухороӣ | |
| 4 | Бифармуд то гӯш дорад буна,<br>Кунад майсара рост бар ***маймана.***<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 5 | Болохонае, ки эшон дар он маҳбус буданд, ***ғурфа***е ба ҷониби саҳро дошт.<br>"Равзат-ус-сафо" | |
| 6 | Гар бар қиёси фазл бигаштӣ мадори даҳр,<br>Ҷуз бар мақарри моҳ набудӣ ***мақар*** маро.<br>Носири Хусрав | |
| 7 | Бар аспи худ барнишонду бидавонид ва ӯро ба ***хайли*** худ бурд. "Маҷмаъ-ул-ансоб" | |
| 8 | Ман ***чокар***и дудмони ҳуснам,<br>Парвардаи хонадони нозам.<br>Абдулқодирхоҷаи Савдо | |
| 9 | Ҳало, ***чома*** пеш овар, эй чомагӯй,<br>Ту чанг овар, эй духтари моҳрӯй.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 10 | Шуд чунон кӯтаҳ забони ҳиммат аз аҳли карам,<br>Бар сари хони мурувватҳо **сало**е барнахост.<br>Махфӣ | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!